*Ширкати*
*машварати – аудитории*
***«О Р И Ё Н»***



# ҲИСОБОТИ АУДИТОРӢ

## ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИ ВА ХОҶАГИДОРИИ ҶДММ «ТАШКИЛОТИ СУҒУРТАВИ «МЕҲНАТ»» БАРОИ СОЛИ МОЛИЯВИЕ, КИ 31 – УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 БА АНҶОМ МЕРАСАД ВОҚЕЪ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ, КӮЧАИ ДЕҲИ БОЛО - 180

**Душанбе – 2021**

**Хулосаи аудиторӣ**
**доир ба воқеъияти ҳисоботи молияви ЧДММ**
**«Ташкилоти суғуртави «Меҳнат» барои соли 2021**

Мо аудити ҳисоботи молиявии пешниҳодшудаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд «Ташкилоти суғуртави «Меҳнат» (минбаъд Ҷамъият) воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳи Боло-180 , ки иборат аз Тавозуни муҳосибави, ба ҳолати 31 – уми декабри соли 2021, ҳисоботҳо оиди фоида ва зарар, ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пули ва ҳисобот оиди тағйирот дар сармоя барои соли молиявие, ки дар санаи қайдшуда ба анҷом мерасад, гузаронидем, инчунин қисмати иҷрои аслии сиёсати баҳисобгири ва рақамҳои нишондодашуда, ба ҳисоботи молияви санҷида шуданд.

**Масъулияти роҳбарият барои тайёр намудани ҳисоботҳои молияви:**

Ҷавобгари барои эътимоднок, аз руи шакли муқараршуда, тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосиби, мутобиқ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи талаботи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳосибот» тайёр намудан, ба пурраги ва дуруст пешниҳод намудани ҳисобот ба зиммаи роҳбарияти ЧДММ «Ташкилоти суғуртави «Меҳнат» вогузор шудааст.

Масъулияти мазкур дар бар мегирад, ворид намудану дастгирии системаи назорати дохили, оиди тайёр намудан ва пешниҳод намудани ҳисоботи молияви, дорои таҳрифи қатъие, ки дар натиҷа, суистеъмолкуни ва иштибоҳҳои ба ҳисоботи молияви таъсиррасонанда намебошад. Ҳамчунин барои интихоб ва истифодабарии сиёсати баҳисобгирии лозима ва истифодаи ҳолатҳои асосноки баҳодиҳии баҳисобгири аст.

**Масъулияти аудиторон**

Мо ухдадор ҳастем, ки изҳори фикру ақидоҳои худро оиди дурустии ҳисоботи мазкури молияви дар асоси аудити гузаронидашуда, байён намоем. Мо аудитро мувофиқи Стандартҳои байналмилалии фаъолияти аудиторӣ ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаронидем. Стандартхои фаъолияти аудиторӣ, талаботи ягонаи тартиби амали намудани фаъолияти аудиторӣ, ба расмият даровардани натиҷаҳо ва назорати сифатноки аудит буда, аз мо талаб менамояд, ки меъёрҳои одоби гузаронидани аудитро риоя намуда, ҳамчунин банақшагири ва гузаронидани санҷиши аудиториро, бо мақсади боварии комил пайдо кардан, оиди вуҷуд надоштани таҳрифҳои қатъи дар ҳисоботи молияви, амали намоем.

Аудит дорои истифодаи талаботҳои мавҷудбуда, барои ба даст овардани тасдиқи далелхои аудиторӣ нисбати рақамҳои нишондодашуда ва тавзеҳот, ба ҳисоботи молияви истифода бурда мешавад. Интихоби амалиётҳои тартиботи мавҷудбуда, аз руи афкори касбии аудитор асос ёфта, ҳамчунин баҳодиҳии хавфи вуҷуд доштани таҳрифҳои қатъи дар ҳисоботи молияви, ки дар натиҷа ба хатогиҳо роҳ додан ё худ суистеъмол кардан ба вуҷуд меоянд, вобаста ва асоснок карда мешавад.

Баҳодиҳии тавакалии чунин хавфҳо, дида баромадани системаи назорати дохили нисбати тайёр ва пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии асли, бо мақсади дида баромадани аудит, дар асоси тартиботи мавҷуда, ки дар ҳолатҳои мазкур

истифода бурда мешаванд, на ба мақсади иброз намудани фикру андеша, оиди самаранокии системаи назорати дохили, балки бо мақсади таҳияи дурусти системаи назорати дохила мебошад.

Аудит таҳлили принсипҳои баҳисобгири муҳосиби, ҳисоботи муҳосибави ва моҳиятнокии баҳодиҳиро, ки аз ҷониби роҳбарият омода шудааст, ва ҳамчунин баҳодиҳии умумии ҳисоботи молиявиро дороcт. Аудит бо тариқи интихоби гузаронида шудааст.

Мо ҳисоб мекунем, ки аудити аз ҷониби мо гузаронида шуда барои ифода намудани фикру андешаи мо асос шуда метавонад.

**Ақидаи аудитор:**

Бо ақидаи мо, ҳисоботи муҳосибии (молияви) пешниҳодшуда, шафофият, эътимодноки ва дараҷаи аниқии ҳисоботи муҳосибии (молияви) Ҷамъиятро дар ҳама ҷабҳаҳои мавҷудаи давраи аудит ба пурраги иникос менамояд. Ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда, аз руи шакли муқараршуда, мутобиқи тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосиби ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи муҳосиби (СБҲМ) ба роҳ монда шуда, натиҷаҳои фаъолияти хоҷаги, ҳолати молияви, моликият ва гардиши воситаҳои пулиро, дар марҳилаи мазкур ба санаи қайдшуда, дуруст инъкос менамояд.

Ҳисоботҳои муҳосибии мазкур, бо тартибе таҳия шудаанд, ки талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» таҳти № 702 аз 25 марти соли 2011, Низомнома оид ба пешбурди ҳисоби муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ (ПБУ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 9 аз 8 феврали соли 2003, тасдиқ шудааст, Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стандартҳои Байналмилалии ҳисоботи Молиявӣ (СБҲМ)» таҳти № 428 аз 4 ноябри соли 2002, Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба амалӣ гардонидани СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти № 231 аз 3 майи соли 2010 - ро таъмин менамояд.

**ҶДММ «Ш М А О Р И Ё Н»**

Иҷозатнома(лицензия) ЙМ № 0000161 аз «22» октябри соли 2018, ки аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, ба мухлати панч сол. Иҷозатнома(лицензия) ФАС № 0000007 аз «22» октябри соли 2021, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст, ба мухлати панч сол. Шаходатнома дар бораи Бакайдгирии давлати № 0274648, ки аз тарафи Кумитаи андози назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.09.2021 дода шудааст.

РМА 040022686
РЯМ 0410006695.

Гафурзода С.Ҳ. директор - Сараудитор, дорои Аттестати тахассуси-аудитори таҳти №0000272 аз 28.02.2018 бе муҳлат, ки аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст ва сертификат таҳти № 047 аз 13.02.2021

**15 – уми феврали соли 2022**
**ш. Душанбе**